# Номҳои тоҷикона таблиғ мешаванд

Submitted by Ҳайати тадорукот on 4 July, 2018 - 17:40
[1]

Аз қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи "Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ" ҳамагӣ 2 сол сипарӣ шуд. Дар ин муддати кӯтоҳ теъдоди номҳои зебою дилчаспи тоҷикона дар байни аҳолии кишвар хеле рӯ ба афзоиш ниҳод. Аксарияти падару модарон

номи кӯдакони хешро бо риояи талаботи Феҳрист интихоб карда, ба ҳусни ҷигарбандашон зебоии дигар зам намуданд. Фаъолияти мақомоти сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ оид ба номгузории миллӣ низ тибқи қарори мазкур ба роҳ монда шуд.

Бо вуҷуди дастовардҳои забонӣ, ки симои миллии моро ифода менамоянд, мушоҳидаҳо маълум месозанд, ки китоби “Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ” ҳанӯз ба дастури рӯйимизии ҳамаи кормандони соҳаи сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ табдил наёфта, дастраси аксар хонаводаҳо нагаштааст. Зикр бояд кард, ки номҳои ба Феҳрист воридгардида, ҳадди охирин набуда, дар асоси он тағйиру иловаҳо пешкаши аҳолии кишвар мешавад.

Ин ва дигар масъалҳои марбут ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи “Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ” дар семинар-машварати кормандони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони масъули идораҳои сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандии ҷумҳурӣ, шуъбаҳои шиносномадиҳӣ, муассисаҳои таълимӣ ва падару модарон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Ба семинар-машварат раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Г. Шарофзода ифтитоҳ бахшида, ба иштирокдорони ҷамъомад барои ҳамкориҳои пайваста бо Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи татбиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, татбиқи сиёсати давлату ҳукумати ҷумҳурӣ дар бораи забони давлатӣ изҳори сипос намуд.

Ҳамзамон, муовини раиси Кумита С. Матробиён дар мавзӯи “Риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳангоми бақайдгирӣ ва номгузорӣ ба кӯдакон” ва сардори шуъбаи танзими истилоҳот Зулфониён Р. дар мавзӯи "Таҳлили сабти ному насаб дар бахшҳои САҲШ-и шаҳру ноҳияҳои кишвар" маърӯза карданд. Перомуни маърӯзаҳо баҳсу мунозираи иштирокдорони семинар-машварат сурат гирифт.

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]
- Забоншиносӣ [3]
- Мақолаҳо [4]
- Фаъолият [5]

**Source URL:**http://kumitaizabon.tj/en/node/5203

**Links**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/image_0.jpg [2] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/32 [4] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/26 [5] http://kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/24